# ФАРМОИШ

Дар бораи тасдиқ намудани «Номгӯи дигар амалҳо ва (ё) беамалиҳо, ки барои эътироф намудани андозсупорандагон ба сифати «андозсупорандаи бемасъулият» асос мебошанд»

Мутобиқи муқаррароти банди 51 моддаи 17 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Номгӯи дигар амалҳо ва (ё) беамалиҳо, ки барои эътироф намудани андозсупорандагон ба сифати «андозсупорандаи бемасъулият» асос мебошанд, тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Номгӯи мазкур бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуда, ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда шавад.
3. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои дар рӯзномаҳои «Боҷу хироҷ» ва «Ҷумҳурият» нашр намудани Номгӯи мазкур, инчунин ба мақомоти ҳудудии андоз ва андозсупорандагон дастрас намудани он чораҷӯӣ намояд.
4. КВД «Маркази маъмурикунонии барномасозии андоз» вазифадор карда шавад, ки барои дар сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj) ҷойгир намудани Номгӯи мазкур чораҷӯӣ намояд.
5. Фармоиши мазкур баъд аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ аз санаи 1 январи соли 2013 мавриди амал қарор дода шавад.
6. Назорати иҷрои Фармоиши мазкур ба зиммаи Муовини аввали Раиси Кумитаи андоз Солиев А.М. гузошта шавад.

**Раис** **Н. Давлатов**